УДК 07 (091) (575.3)
А-87
ББК 76.12 (2 тоҷик)

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**АТОЕВ МУҲАММАДИҚБОЛ ИМОМУДИНОВИЧ**

# АНОСИРИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи
ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ

**ДУШАНБЕ – 2020**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ
**Муродов Мурод Бердиевич**

**Муқарризони расмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон
**Муллоев Шариф Боқиевич**

номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи раиси вилояти Хатлон
**Маъмурзода Носирҷон Маъмур**

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Ҳимояи диссертатсия «____» _________ соли 2020, соати ____ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) баргузор мегардад.

Бо мазмуну муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи маркази Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «____» ______ соли 2020 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж.Б.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ**. Нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф», ки 11 марти соли 1912 дар Аморати Бухоро рӯйи нашр омад, яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихиест, ки вазъи сиёсии давр, забону фарҳанг, мактабу маориф, иқтисоду тиҷорат, сатҳи зиндагии омма, тамоюлоти сиёсию фарҳангӣ ва динию ахлоқии ҷамъиятро дар оғози садаи XX холисона бозгӯ менамояд. Ҳарчанд доир ба ин давраи таърихӣ мақолаву рисола ва монографияҳои зиёд таълиф шудаанд, вале матбуот ҳамчун оинаи даврон баёнгари бевоситаи сарнавишти пуртаҳаввули сокинони як кишвар аст, ки омӯзиши паҳлуҳои мухталифи он ҳам бар нафъи илм ва ҳам бар манфиати публитсистикаи тоҷик аст.

Тағйири сохти сиёсии ҳукумат, ташаккули ҷумҳуриҳои алоҳидаи шӯроӣ дар Осиёи Марказӣ, вусъати идеологияи болшевизм ва коммунизм дар баробари осори бузурги адабу фарҳанги тоҷик рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро низ як муддат чун мероси даврони амирӣ ва нашрияи ҷадидӣ, ки он замон ҳамчун равияи динӣ - исломӣ шинохта мешуд, аз назари омма ва пажӯҳиш дур кард. Дар китобхона ва бойгониҳои Тоҷикистон ҳатто як нусхаи ин рӯзнома вуҷуд надошт. Дар китобхонаву бойгониҳои марказӣ низ ин маъхаз чун мероси замони амирӣ барои ҳамагон дастрас набуд. Шояд ин дастнорасӣ омил шудааст, ки И.С. Брагинский забони рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро соли 1956 саҳван ё амдан тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гуфтааст.[1]

Новобаста аз мураккабии давру замон шахсиятҳои фарҳехта ва муҳаққиқони равшанзамири тоҷик тавонистаанд, ки бо ҳар василае ҳузури нашрияи «Бухорои шариф»-ро дар таърихи адабу фарҳанги навини тоҷик муаррифӣ ва таъмин намоянд. Ин раванд дар замони бозсозӣ ва ташаккули афкори демократӣ вусъат пайдо намуда, хати қирмизи идеологиро аз пешорӯйи таҳқиқотчиён нисбатан дур кард. Вале ҳамоно мундариҷаи рӯзномаи «Бухорои шариф» ва хусусиятҳои дигари ин нашрияи миллӣ, аз ҷумла, доманаи мавзӯот, аносири жанрӣ, қолабҳои нигориш ва дигар вижагиҳои он то ҳанӯз норавшан боқӣ мондааст.

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари озодиҳои сиёсӣ, рушди афкору андешаҳои миллиро таъмин намуда, ҷиҳати таҳқиқу таълифи муҳимтарин аркони фарҳангию миллӣ шароит бавуҷуд овард. Ин шароит ба мо имкон медиҳад, ки «Бухорои шариф»-ро ҳамчун саромади матбуоти даврии тоҷикӣ мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор диҳем. Омӯзишу пажӯҳиши заминаҳои табъу нашр, вижагиҳои сохторӣ, шумораҳои мунташира, аносири жанрӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ, омилҳои қатъи фаъолияти нахустрӯзнома ва амсоли ин аз суолҳое мебошанд, ки посухи илмии онҳо на танҳо ба таърихи матбуоти даврии тоҷик ғановати илмӣ мебахшад, балки сабақҳои «Бухорои шариф»-ро барои рӯзноманигории муосир талқин менамояд. Ин ва дигар омилҳо аз аҳамияти пажӯҳиши ин мавзӯъ дарак медиҳанд.

---

[1]Мираҳмадов, А., Самад, В. Тафсири як ишораи Айнӣ / А. Мираҳмадов, В. Самад // Садои Шарқ. – 1986. – №10. – 108-119 с.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Вобаста ба омилҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ва муҳтавои он дар давраҳои мухталиф аз ҷониби пажӯҳишгарон таълифоти зиёде дар шакли мақолаҳои илмиву оммавӣ ва китобу рисолаҳо ба анҷом расидаанд.

Аввалин маълумот дар бораи ин нашрия, ки дастраси омма шудааст, тавзеҳоти С. Айнӣ аст, ки дар китобҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»[2], «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар»[3], «Намунаи адабиёти тоҷик»[4] ва дар рӯзномаи «Овози тоҷик»[5] нашр шудааст. Баъдтар дар заминаи маълумоти ин асарҳо мақолаҳои зиёде рӯйи чоп омадаанд.

Пажӯҳишҳои алоқаманд ба «Бухорои шариф»-ро метавон ба 4 гурӯҳ: 1) мақолаҳои илмиву оммавӣ ва асарҳое, ки дар баробари фаро гирифтани мавзӯъҳои гуногуни замон дар бораи «Бухорои шариф» маълумот ва ё ишораҳо доранд; 2) мақолаҳои илмиву оммавие, ки мавзӯи баҳсашон бевосита «Бухорои шариф» аст; 3) воситаҳои таълимӣ; 4) рисолаҳои илмӣ ҷудо намуд.

а) Ба гурӯҳи аввал нигоштаҳои Р. Ҳошим, Х. Мирзозода, А. Маниёзов, З. Раҷабов ва амсоли инҳоро метавон шомил кард. Дар ин асарҳо ҳарчанд предмети таҳқиқ танҳо «Бухорои шариф» нест, аммо муаллифон дар радифи баррасии мавзӯоти гуногун, ки ба марҳалаи чопи ин нашрия ва ё мундариҷаи он иртибот доранд, доир ба чигунагии нашрия, хусусияти маводи назмӣ ва нашри осори адибони рус дар он, баррасии вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии ибтидои садаи XX ва амсоли ин дахолат намуда, ибрози назар кардаанд.

б) Аз нимаи дуюми соли 1970 ба баъд таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон ба нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» зиёд мешавад, ки дар матбуоти даврӣ доир ба он мақолаҳои зиёде рӯйи чоп омадаанд. Муаллифони ин гурӯҳи мақолаҳо ҳарчанд масъалаҳои дигари марбут ба матбуотро низ фаро гирифтаанд, аммо дар пажӯҳишоти онҳо «Бухорои шариф» мақоми меҳварӣ дорад. Азбаски мақолоти ин гурӯҳ хеле зиёд ва аксаран ҷанбаи ҷашнӣ – табрикотӣ дошта, дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик нашр шудаанд ва баъзе аз муаллифон як мақоларо бо номҳои гуногун дар чанд нашрия ба чоп додаанд, биноан, ин ҷо танҳо мақолаҳоеро зикр менамоем, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, нигоштаҳои И. Усмонов, В. Самад, П. Гулмуродзода, М. Муродов, Қ. Расулиён, Н. Ғаффоров, Қ. Шарифзода ва ғайра.

Ин муаллифон дар нигоштаҳои худ аксаран ҷанбаҳои таърихии рӯзномаи «Бухорои шариф», замина ва омилҳои нашри рӯзнома, дастандаркорон, таъсири ҷарида бар рушди маорифпарварӣ, тавсеаи афкори фарҳангпарваронаи ҷамъият, рушди андешаҳои таҷаддудӣ, забони «Бухорои шариф» ва дигар мавзӯъҳои таърихии вақтро таҳлилу баррасӣ кардаанд. Қисме дар таълифоти худ шаклу намо, формати нашр, муҳтавои мақолаҳо, ашъори нашрия, муаллифон ва амсоли инро нишон додаанд, аммо дарунмоя ё худ асли матолиби нашрия аз назари эшон то андозае дур мондааст.

---

[2] Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро / С. Айнӣ. – Тошкант, 1923. – 156 с.

[3] Айнӣ, С. Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар / С. Айнӣ. – Москва, 1926. – 256 с.

[4] Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / С. Айнӣ. – Москва: Нашриёти марказии халқҳои Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.

[5] Айнӣ, С. Матбуоти тоҷик / С. Айнӣ // «Овози тоҷик». – 1926. – 6 сентябр

в) Воситаву китобҳои таълимӣ ва қомусу донишномаҳое, ки дар онҳо доир ба «Бухорои шариф» маълумоти умумӣ интишор шудааст. Ба мисли асарҳои А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, Д. Давронов, В. Самад ва дигарон. Дар ин китобҳо вобаста ба таъйиноти маводи таълимӣ ва донишномаӣ дар бораи нахустрӯзномаи тоҷикӣ маълумоти умумӣ дода шудааст.

г) Асарҳое, ки хусусияти рисолавӣ дошта, дар онҳо мавзӯи пажӯҳиш бевосита «Бухорои шариф» аст. Ин ҷо метавон аз асарҳои А. Набавӣ, О. Салимзода, Н. Ковиёнӣ ва Қ. Шарифзода ёдрас шуд.

Муҳаққиқ А. Набавӣ пажӯҳишоти худро асосан дар заминаи бастаи нисбатан комили «Бухорои Шариф» анҷом дода, шаклу намои рӯзнома, саҳифаҳо, сутунҳо, мақолаҳо, рубрикаҳо, муаллифон, рақамҳои нашршуда, маводи назмӣ ва дигар ҷанбаҳои маънавию публитсистии рӯзномаро таҳқиқу таҳлил намудааст.

Муҳаққиқ О. Салимзода фаъолияти публитсистии Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро, ки муҳаррири рӯзномаи «Бухорои шариф» буд, таҳлилу таҳқиқ намуда, хусусиятҳои фарҳангию маорифпарваронаи нигоштаҳои ӯро нишон додааст. Ҳамчунин дар ин рисола ашъори публитсистии муҳаррир таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои таҷаддудӣ ва иҷтимоии ашъори Мирзо Ҷалол муайян карда шудааст.

Пажӯҳиши Наҷмиддини Ковиёнӣ нисбатан муфассал буда, доир ба чопи рӯзнома, ғояи он, авзои Бухоро, зуҳури амирони манғит, суқути аморат, ноширони андешаҳои навхоҳӣ, нақши рӯзномаҳои дигар, фишори Русияи подшоҳӣ, андешаи таъсиси рӯзнома, муассисону муаллифон, мушаххасоти рӯзнома ва мундариҷаи он маълумоти умумии илмиву оммавӣ медиҳад.

Дар пажӯҳишҳои Қ. Шарифзода асосан омилҳои таърихиву иҷтимоии пайдоиши «Бухорои шариф» ва хусусияту таъйиноти илмӣ – фарҳангии он мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Агар ба таърихи нигоштаҳои Қ. Шарифзода таваҷҷуҳ намоем, шояд ягона муҳаққиқе бошад, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» ва масъалаҳои вобаста ба он аз мавзӯъҳои ҳамешагии эшон мебошад. Зеро ковишҳо бар бастаҳои нашрияи парлумонии «Садои мардум» собит менамояд, ки таълифоти муҳаққиқ вобаста ба нахустрӯзнома ва муассисону муҳаррирони он аз зумраи маводи ҷашнӣ – мавсимии нашрия ба шумор меравад.

Дар умум, натиҷаи аслии ин талошу заҳамот дар он аст, ки «Бухорои шариф» чун нахустрӯзнома ва сароғози матбуоти миллии тоҷик шинохта шудааст, вале аз лиҳози ковишҳои илмӣ ҳанӯз ҳам дарунмояи он баҳои мушаххаси илмӣ нагирифтааст.

Дар баробари ин аносири жанрӣ ва ташаккули қолабҳои эҷоди публитсистӣ дар матбуоти тоҷик аз масоиле мебошанд, ки то имрӯз аз диди таҳқиқ комилан берун мондаанд. Ба таъбири А. Набавӣ «то ба имрӯз дар бораи ин нашрияи муътабару таърихӣ як пажӯҳише таълиф накардаем, ки хасоиси умумӣ, муҳтаво, жанру навъҳо, ҳайати муаллифон ва сабки хоси онро ба таври куллӣ фаро гирифта бошад».[6]

---

[6] Набавӣ, А. «Бухорои шариф» сароғози матбуоти миллӣ / А. Набавӣ. – Душаебе: Бухоро, 2012. – 182 с.

Воқеан, омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил нишон дод, ки «Бухорои шариф» то ҳол ба таври пурра бо назардошти омилҳои таърихи табъу нашр, заминаҳои пайдоиш, шумораҳои нашршуда, моҳият ва мавзӯъҳо, мундариҷаи мавод, омилҳои сукут, аносир ва ташаккули жанрҳои матбуотӣ ва дигар хусусиятҳо мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Махсусан, доир ба аносири жанрии ин рӯзнома пажӯҳишгаре даholат накардааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади аслии таҳқиқ тариқи омӯзишу таҳлили маводи нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» муайян намудани омилҳои зуҳур ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар ин нашрия мебошад. Барои ноил гардидан ба мақсади асосии пажӯҳиш дар доираи таҳқиқи мавзӯъ ҳалли вазифаҳои зеринро зарур меҳисобем:

– равшанӣ андохтан ба заминаҳои гуногуни пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф»;

– нишон додани вазъи иҷтимоию сиёсии давр, таъсиси «Бухорои шариф» ва ташкили фаъолияти он;

– таҳлилу арзёбии сохтори нашрия бо назардошти шаклу намо, рубрикаву сарлавҳаҳо, истифодаи ҳуруф, эълону реклама, тасвиру сурат ва вижагиҳои дигар;

– ошкор намудани омилҳои таъсиррасон дар зуҳур ва ташаккули аломатҳои жанрҳои публитсистӣ ва тарзи истифодаи онҳо дар рӯзнома;

– нишон додани раванди шаклгирии жанрҳои ахбориву таҳлилӣ ва доманаи мавзӯоти онҳо дар «Бухорои шариф»;

– тариқи таҳлилу баррасиҳои илмӣ муайян намудани аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ ва таносуби онҳо дар рӯзнома;

– муайян намудани омилҳои аз чоп бозмондани рӯзнома, вазъи молиявӣ, буҳрони фикрӣ ва ақидавӣ миёни муассисон;

– дар такя ба шумораҳои электронии нашрия мушаххас намудани теъдоди рақамҳои нашршудаи рӯзнома.

**Манбаъҳои таҳқиқ.** Манбаи асосии таҳқиқ нусхаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» аст. Ҳамзамон дар раванди таҳқиқ аз адабиёти гуногуни таърихӣ, назарӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ низ истифода шуд.

**Мавзӯи таҳқиқ.** Зуҳури аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф», ташаккул ва мавқеи жанрҳои алоҳида дар ин нашрия. Аснои пажӯҳиши мавзӯи диссертатсия маводи «Бухорои шариф» дар заминаи назарияи жанрҳои матбуот ва муқоисаи маводи рӯзномаҳои даврӣ таҳқиқ гардид.

**Методологияи таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ бештар ба вазъи замон, авзои сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоии давр таваҷҷуҳ шуда, зуҳури афкори миллӣ вобаста ба ҳолатҳои таърихӣ, замина, омил, тамоюли фикрии ҷомъият ва ҳаракатҳои таҷаддудӣ таҳқиқ гардида, бо усули қиёс, таҳлили ҳолат ва хулосабарорӣ сурат гирифт.

Ин усул имкон дод, ки заминаҳои асосии пайдоиши «Бухорои шариф» ва омилҳои зуҳури аносири жанрҳои публитсистӣ ва раванди ташаккули баъзе аз жанрҳоро таҳқиқ намоем, масъалаҳои калидиро мушаххас намуда, ба суолҳои норӯшану масъалаҳои баҳсӣ то қадри имкон посух гӯем.

Ҳамчунин, барои ба натиҷагириҳои назарӣ ва амалӣ даст ёфтан аз методҳои таҳлили анъанавӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, мутуни рӯзнома бо назардошти хусусиятҳои жанрӣ бевосита таҳлили сифативу миқдорӣ (контентӣ) шудааст. Ҳамзамон усулҳои таҳқиқи гнесиологӣ, таърихӣ, шарҳу тафсири илмӣ ва оморӣ аз мадди назар дур намондаанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ осори назарии донишмандони маъруфи соҳаи рӯзноманигорӣ, хоса назарияи жанрҳои публитсистика Е.П. Прохоров, В. Учёнова, М.С. Черепахов, Е.А. Блажов, В.М. Горохов, В. Ворошилов, М.Н. Ким, А.А. Тертичный, И.К. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А.С. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, Н. Солеҳов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Муқимов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсия бори аввал масъалаи зуҳури аносири жанрҳои публитсистӣ, ташаккул ва таносуби истифодаи онҳо дар «Бухорои шариф» мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон дар диссертатсия масъалаҳои замина ва омилҳои пайдоиши «Бухорои шариф», теъдоди умумии рақамҳои нашршудаи он, имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ва андешаҳои таҷаддудхоҳона, омилҳои қатъ гардидани чопи рӯзнома ва амсоли ин бо диди ҷадид таҳқиқ шудааст, ки дар илми муосир андешаи нисбатан тоза аст.

**Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Бори аввал дар доираи таҳқиқи диссертатсионӣ омилҳои ташаккули аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳлилу арзёбӣ шудааст. Гузашта аз ин ҳар як жанри рӯзнома дар алоҳидагӣ (дар мисоли хабар, репортаж, мусоҳиба, мақола, мухбирнома, мактуб, фелетон) таҳқиқу таҳлил гардида, унсурҳои асосии жанрсоз ва воситаҳои муассиркунандаи матнҳои публитсистиву бадеӣ нишон дода шудаанд. Ин таҳқиқот то андозае ба рушди илми журналистикаи тоҷик мусоидат намуда, дар баробари таҳқиқу пажӯҳишҳои анҷомшуда, таърихи матбуоти тоҷикро то ҷое такмил менамояд.

Аз маводи таҳқиқот аснои таълифоти рисолаву китобҳои таърихию таҳқиқотӣ, васоити таълимӣ, машғулиятҳои амалии таърихи матбуоти тоҷик метавон истифода кард. Хулосаҳои муаллиф ва нуктаҳои асосии рисола дар вақти тадриси фанҳои таърих ва назарияи рӯзноманигорӣ ба кор хоҳад омад. Илова бар ин диссертатсия метавонад ба эҷодиёти рӯзноманигорон, мунаққидони соҳа дар заминаи дарёфт ва корбасти маводи таълимӣ ёрӣ расонад.

**Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Омилҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ дар Аморати Бухоро, алоқамандии заминаҳои мавҷуд ба раванди воқеаҳои фарҳангию адабӣ ва иқтисодию сиёсии муҳити адабии аморат ва таҳаввулоту дигаргуниҳои кишварҳои Русия, Туркия, Миср, Ҳиндустон, Ирон, Афғонистон ва ғайра.

2. «Бухорои шариф» ва аносири шакливу сохтории он: формат, саҳифаҳо, сутун, сатр, ҳуруф, ҳаҷм, рангорангии ҳуруфоти матн, сарлавҳаву зерсарлавҳаҳо, аксу тасвирҳо, аломатҳои имлоӣ, хатҳои ҷудокунандаи матн ва амсоли ин.

3. Мавқеи тағйирнопазирии «Бухорои шариф» ва принсипҳои фаъолияти он. Таносуби мавзӯии нашрия, вижагиҳои инъикоси масъалаҳои мактабу маориф, иқтисоду тиҷорат, саноату зироат ва ғайра дар рӯзнома.

4. Омилҳои зуҳур ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф». Ҷараёни ташаккули жанрҳои хабар, репортаж, мухбирнома, мактуб, мақола ва вижагиҳои жанрҳои адабии дорои оҳанги иҷтимоӣ.

5. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ, бахусус мақола дар рӯзномаи «Бухорои шариф», бозгӯйи мароми мақсади нашрия ва баррасии мушкилоти ҷомеа дар қолаби ин жанр. Навъҳои мақолаҳои мунташираи рӯзнома.

6. Жанрҳои публитсистию бадеӣ ва аносири жанрсоз дар рӯзнома, ки дар шакли фелетон, саҷъ, ташбеҳоти адабию бадеӣ ва ашъори иҷтимоӣ – публитсистӣ зуҳур кардаанд. Мавқеи ашъори публитсистӣ дар рӯзнома, мушоараи муаллифон вобаста ба масоили мухталиф: куҳнаву нав ва қадиму ҷадид.

7. Омилҳои қатъ шудани фаъолияти рӯзнома: танвири афкори мардум; мисли муфаттиш ҷилва кардан дар чашми Ҳукумати амир; бар хилофи интизориҳои элчихонаи рус амал кардани рӯзнома (Айнӣ) ва мушкили молӣ дар маблағгузории нашрия; буҳрони фикрӣ ва ақидатӣ миёни муассисон ва ҳайати эҷодӣ; фалаҷ гардидани низоми идорӣ ва тадорукотии рӯзнома.

8. Нақши «Бухорои шариф» дар бедорӣ ва таҷаддудгароии мардум, ҳифзи манофеи фарҳангию миллӣ, ташаккули жанрҳои публитсистӣ, мактаби эҷодӣ ва таъсири он ба нашрияҳои пасоянд.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия**. Ин таҳқиқ натиҷаи ковишҳои пайвастаи муаллиф дар тӯли солҳои зиёд мебошад. Муҳтавои асосии диссертатсия дар ҳафт мақола, аз ҷумла, панҷ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ҶТ рӯйи чоп омадаанд. Муҳаққиқ аз рӯйи мавзӯъҳои таҳқиқот дар ҳамоишу конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва ҳамоишҳои илмӣ – оммавӣ иштирок ва маърӯзаҳо хондааст. Аз ҷумла «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди пажӯҳишоти илмӣ дар соҳаи матбуоти миллӣ», «Заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» ва «Баҳсҳо роҷеъ ба шумораҳои мунташираи рӯзномаи «Бухорои шариф» (2018 – 2019).

**Санҷиши натиҷаҳои таҳқиқ**. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод гардидааст. (Суратмаҷлис №11 аз 25.06.2019).

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 181 саҳифаи компютерӣ аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ

ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, заминаҳои асосии мавзӯъ дар робита ба манобеи илмию адабӣ асоснок ва муаррифӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввал – **«Андешаҳо доир ба заминаҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф»** ба таври мушаххас назари муҳаққиқон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ оид ба таҳаввулоти замон баррасӣ шуда, дар ин раванд омилҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ – «Бухорои шариф» нишон дода шудааст. Муҳаққиқон доир ба замина ва омилҳои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» мухолифати шадид надошта бошанд ҳам, ҳар кадом вобаста ба маводи дастрасшуда мавқеъ, андеша ва назари худро роҷеъ ба ин ё он ҷиҳати масъала асоснок кардаанд. Иддае нашри аввалин рӯзномаи тоҷикиро дар Осиёи Марказӣ ба таъсири омилҳои берунӣ, махсусан, ба ташаннуҷи авзои дохилии Русия рабт диҳанд, гурӯҳи дигар инқилобҳои Эрону Туркияро омили пайдоиши аввалин нашрияи тоҷикӣ дар сарзамини зулмдидаи Бухорои амирӣ донистаанд. Бо вуҷуди ин, сарчашмаи нигориши аксари муҳаққиқон дар ин маврид маълумоти устод Айнӣ мебошад, ки дар асарҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар», «Намунаи адабиёти тоҷик» ва рӯзномаи «Овози тоҷик» дарҷ шудаанд. Дар аксари таҳқиқотҳои баъдӣ, ба қавли И. Усмонов, «маълумоти устод Айнӣ қариб бетағйир»[7] мемонад. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки нигоштаҳои баъдӣ маълумоти устод Айниро дар хусуси нашри «Бухорои шариф» тағйир надода бошанд ҳам, каломи ӯро такмил додаанд.

Барои ба таври илмӣ равшан кардани замина ва омилҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» мо ба чор сарчашмаи асосӣ такя намудем, ки инҳоянд:

1) асарҳои С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди бевоситаи пайдо шудани рӯзномаву маҷаллаҳо дар Бухоро;

2) нигоштаҳои И. Умняков - яке аз шарқшиносони маъруфи ибтидои асри XX;

3) пажӯҳишоти академик З. Раҷабов – муҳаққиқи таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар Осиёи Марказӣ дар давраҳои нимаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX;

4) осори муҳаққиқону пажӯҳишгарони дигар, ки асосан дар охирҳои садаи XX ва баъд аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ намудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили ин манобеъ имкон дод, ки чунин хулосаро ҳосил намоем:

1. Ба таври умум пайдо шудани рӯзномаву маҷаллаҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ раванди табиӣ буда, равшанфикрони бухороӣ ин равандро тарвиҷ намудаанд;

2. Дастрас гардидани рӯзномаву маҷаллаҳо дар Бухоро ағлабан ба дастгоҳи таблиғотии ҷавонтуркони Туркия марбут мебошад, ки нахуст дар қаламрави

---

[7]Усмонов, И. Журналистика / И.К. Усмонов. Душанбе: Империал–груп, 2005. – Ҷ.1.– 480 с.

Русия (1884) ва пасон ба воситаи пайравони ғояҳои худ ба Осиёи Марказӣ равона шудааст;

3. Инқилоби аввали Русия (1905-1907), ки дар он Манифести Николайи II қабул шуд, барои нашри рӯзномаҳо заминаи ҳуқуқиро фароҳам овард ва ба рушди публитсистика дар минтақа мусоидат кард;

4. Инқилобҳои машрутахоҳон дар Мисру Туркияву Эрон ҳувияти мардуми Осиёи Марказиро бедор намуда, афкори навинро дар ҷамъият ташаккул дод ва мардумро ба сӯйи тараққихоҳӣ моил кунонид;

5. Ҷанги Русияву Ҷопон барои наздик шудани мардум ба рӯзномаҳо (ҳарчанд аксаран бо забонҳои туркию русӣ бошанд) дар баробари таблиғоти зиддиматбуотӣ мусоидат намудааст. Рӯзномаҳои воридшуда зери рубрикаҳои махсус аз майдонҳои муҳориба хабару гузоришҳо нашр намуда, диққати аҳолиро ба худ ҷалб менамудаанд. Ин ҷиҳатҳо дар диссертатсия бо зикри факту далел ва музокираҳои илмӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст.

Ин ва дигар омилҳо барои пайдоиши рӯзнома дар муҳити адабӣ ва иҷтимоии Аморати Бухоро заминаҳои фикрию маънавиро фароҳам овардааст.

Дар фасли дуюми ин боб – **«Таъсиси «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он»** роҷеъ ба таъсисёбии рӯзномаи «Бухорои шариф» ва хусусиятҳои сохтории он маълумоти муфассали илмӣ дода шудааст. Бино ба таҳқиқи мо, то соли 1912 дар Аморати Бухоро тамоми заминаҳои нашри рӯзнома фароҳам шуда буд. Тибқи нишондоди устод Айнӣ «дар соли 1330 ҳиҷрӣ аз ҳамиятмандони Бухоро Мирзо Муҳиддин Мансурзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким барои ба феъл овардани ин орзу кӯшиши балеғ карданд»[8]. Ин ду шахсияти ҷаҳондида ва сарватманд барои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф», рӯҳи замон, вазъи иқтисодию иҷтимоии Бухоро, рукуди давлатдории аморат, бетафовутӣ ба кори маориф, сахтиву тангии зиндагӣ, шиддат гирифтани равандҳои сиёсии минтақа ва ҳамчунин вазъияти дохилаи сарзамини Русияи импературиро хуб дарк намуда, дар андешаи он буданд, ки бо кадом роҳ бояд рӯзномаи тоҷикӣ рӯйи чоп ояд.

Нашри рӯзнома бо забони тоҷикӣ барои мардуми Бухоро ва атрофи он дар ҳамон замон яке аз омилҳои шинохти миллӣ, дифоъ аз ҳуқуқҳои таърихии худ ва таблиғи арзишҳои фарҳангию адабӣ ба шумор мерафт, зеро дастгоҳҳои таблиғотии пантуркизм, ҳамарӯза бо мағзу ҳувияти мардум таъсир расонида, асолати исломиро ба туркият пайваст карданӣ мешуданд. Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ, ки шахсиятҳои кордону боэътибор ва ҷаҳондида буданд, ҳолати мавҷударо ба хубӣ дарк намуда, хостори нашри рӯзнома бо забони тоҷикӣ шуданд ва баҳри чопи он талош намуданд. Муассисони рӯзнома, ҷиҳати ҳалли муаммо яке аз публитсистони варзидаи давр - Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро аз Боку барои иҷрои вазифаи муҳарририи рӯзнома даъват намуданд, то «умури маънавии ҷарида»-ро бар ӯ таҳвил бидиҳанд. Ба қавли муҳаққиқ О. Салимзода «Мирзо Ҷалол Юсуфзода ... на танҳо аз таҷрибаи мактаби бузургу нотакрори матбуоти Эрону Туркия ва Қафқозу Ироқ мусаллаҳ ба Бухоро омад, балки ҳамкориаш бо маҷаллаи Ҷалил Мамадқулизода (1866-1923) «Мулло Насриддин» (1906-1932),

[8]Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.

омӯзишаш дар мактаби эҷодии бузургтарин суханвари ҷадид ва воқеии озарӣ Мирзо Алиакбари Собир (1862-1911) низ буданд, ки дар фаъолияти адабию ташкилии вай таъсири самарабахш доштанд»[9]. Мирзо Ҷалол Юсуфзода низ барои саҳмгузоштан дар нашри аввалин рӯзномаи тоҷикӣ – форсӣ дар қаламрави Осиёи Миёна ҳавасмандии амиқ нишон дода, бо худ мутахассисони табъу нашр ва ҳарфҳои чопхонаро низ овард. Бо ҳамин тарз 11 марти соли 1912 «Бухорои шариф» рӯйи нашр омада, аз шумораи аввал бо тарҳи мушаххас, шаклу намо ва ғояи ягона интишор гардид, ки ороишоти рӯзнома тибқи нигоштаи Қ. Мухторӣ «ҳамчун масъалаи мавриди таваҷҷуҳи нашрияву матбаа дар маркази диққат»[10] қарор дошта, то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони соҳа М. Муродов, П. Гулмуродзода, А. Набавӣ ва Қ. Шарифзода дар мақолоти гуногун ба таври мухтасар таҳлил ва тасниф шудаанд.

Дар диссертатсия дақиқ шудааст, ки **«**Бухорои шариф**»** бо фармати А-3, дар чор саҳифа, ҳар саҳифа бо чаҳор сутун (баъзан бо се ва ду сутун) ва ҳар як сутун вобаста ба мавод аз 45 то 64 сатр дошта, бо ҳуруфоти арабиасоси мехии тоҷикӣ-форсӣ нашр шудааст. Рӯзнома бо банду баст, саҳифаҳои муҷалло, сарлавҳаҳои чашмгиру пурмуҳтавои худ мардумро ба мутолиа ҷалб намуда, тавассути рӯҳи таҷаддудии маводи худ зиндагии навин, рушди иқтисоду тиҷорат, ислоҳи мактабу маориф ва дар маҷмӯъ афкори ҷадидро манзури хонанда намудааст.

Фасли сеюми боби мазкур, ки **«Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома»** унвон гирифтааст, баҳси сабабҳои аз нашр бозмондани «Бухорои шариф**»,** рақамҳои нашршуда ва рӯҳияи эҷодии рӯзномаро фаро мегирад. Қатъи фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» ва омилҳои сукути он аз масъалаҳое мебошанд, ки бо вуҷуди таълифоти гуногун, боз ҳам ҷавҳари каломи устод Айнӣ: «Бухорои шариф» аз 4 рабеъул охири 1330 ҳ. то 7 сафари 1331, мутобиқи 2 январи соли 1913, ҷамъан 153 рақам баромада, ҳалок шуд»[11] бетағйир мондааст. Дар нигоштаҳои бархе аз муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик, омилҳои сукути рӯзнома дар такя ба се ишораи устод Айнӣ, ки дар ҷилди X-и «Куллиёт» зикр гардидааст, марбут дониста мешавад. Ин омилҳо чунинанд:

1) танвири афкори мардум;

2) мисли муфаттиш ҷилва кардан дар чашми Ҳукумати амир;

3) бар хилофи интизориҳои элчихонаи рус амал кардани рӯзнома.

Ҳамзамон баъзе аз муҳаққиқони дигар дар баробари фишорҳои сиёсӣ яке аз омилҳои аслии баста шудани рӯзномаро дар мушкилоти молӣ дониста, онро қабл аз ҳама, ба даст кашидани Левин (мудири матбаа) аз идомаи нашри «Бухорои шариф» рабт додаанд, ки гӯё ин амали Левин ба иттиҳоди ҷавонбухориён боис шуда, кори нашри рӯзномаро минбаъд ба дасти худ гирифтаанд.

Ковишҳои мо нишон дод, ки тавлиди ин андешаҳо низ аз як нигоштаи устод Айнӣ сарчашма гирифааст, ки чунин аст: «онҳо аввал мудири матбааи

---

[9] Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода / О. Салимзода. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 138 с.

[10] Мухторӣ, Қ. Шакл ва мазмуни ороиши рӯзнома аз воситаҳои муҳими мухобирот бо хонанда (дар мисоли матбуоти даврии Тоҷикистон) / Қ. Мухторӣ // Вестник таджикского национального университета (научный журнал). – 2014. – №4/6 (146). – С. 285-288.

[11]Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.

Когон Левини яҳудиро дида, ба вай аз нашри рӯзнома ваъдаи манфиати зиёд нишон дода, ӯро ба майдон андохтанд. Левин ба умеди фоида ба майдон баромада, дар ин бора ба элчихона муроҷиат кард»[12]. Дар баробари ин аксари муҳаққиқон ишораи дигари устод: «дигарон маънан ва моддатан ба қадри имкон муовинат карданӣ шудаанд»[13]-ро сарфи назар намуда, иттиҳоми беасосро танҳо болои шахсияти Левин таҳвил карданӣ шудаанд.

Ҳарчанд то ҳол пажӯҳиши нисбатан мукаммали бойгонишиносӣ доир ба ин масъала анҷом нашудааст, вале ташхису таҳлили маводи дастрасшудаи нашрия моро ба маҳфилҳои машваратӣ ва рӯзҳои қабл аз нашри рӯзнома ошно месозад, ки сухани устод Айнӣ: «дигарон маънан ва моддатан ба қадри имкон муовинат карданӣ шудаанд»-ро тақвият мебахшад ва собит месозад, ки Левин дар қазияи нашри «Бухорои шариф» ваъдаи «муовинат» гирифта, то ҳадде фирефта шудааст.

Бо ин таҳлилҳо, вобаста ба қатъи фаъолияти рӯзнома мо дар баробари се масъале, ки устод Айнӣ дар мавриди қатъи фаъолияти ин нашрия зикр намудаанд, ***мушкилоти молӣ, бӯҳрони фикрӣ ва фалаҷ гардидани низоми идории рӯзномаро*** низ аз масъалаҳои асосии баста шудани «Бухорои шариф» донистем ва ин омилҳоро дар диссертатсия муфассалан таҳлилу арзёбӣ намудем.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** ном дорад, низ аз се фасл иборат аст.

Фасли аввал «**Усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар рӯзнома**» унвон гирифтааст. Таҳқиқи мавзӯъ нишон дод, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» жанрҳои ахборӣ нисбатан серистеъмол мебошанд. Дар маромномаи рӯзнома дар баробари таъкиди «мизони мундариҷоти Қуръони шариф ва зарурати ислом» ҳамчунин таъкид шудааст: «Рӯзномаи мо аз ярмаркаҳо мисли Нижний - Новгород ва ғайра маълумот дода, аз моли тиҷоратии дохилу хориҷ ва маҳсулоти Бухорои шариф ва атрофу тавобеи он иттилоот хоҳад дод»[14]. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки яке аз ҳадафҳои оинномавии рӯзнома пахши иттилоъ будааст, ки он дар шакли жанрҳои гуногуни хабарӣ аз қабили хабар ва анвои он (хроника, хабари кӯтоҳ, хабари васеъ) ва репортаж таҳия шудааст.

Масалан, дар шумораи аввали рӯзнома 23 мавод дар қолаби жанри хабар ба табъ расидааст. Ҳамчунин дар шумораи 2-39 мавод, шумораи 3-30, шумораи 5 -26, шумораи 15-17, шумораи 27-30, шумораи 50-30 ва дар шумораи 100-27 маводи алоқаманд ба анвои жанрҳои хабарӣ ба нашр расидааст. Агар маводи умумии рӯзномаро аз лиҳози жанрӣ тақсимбандӣ намоем, маълум мешавад, ки зиёда аз 50 фисади матни саҳафоти рӯзномаро маводи дорои хусусияти иттилоотӣ ташкил медиҳад, ки дар қолаби жанрҳои ахборӣ шакл гирифтаанд.

Бо далоили боло гуфтан мумкин мешавад, ки асоси жанрии рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро жанрҳои ахборӣ ташкил медиҳанд. Вале аз рӯйи меъёр ва хусусияти жанрӣ, ки расонидани иттилоот ба шакли кӯтоҳу муъҷаз ва ҷавобгӯ ба саволҳои кӣ? чӣ? кай? ва дар куҷо? мебошад, на дар ҳамаи хабарҳои мунташираи

---

[12]Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.
[13]Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.
[14] Бухорои шариф. – №1. – 11 март – 1912.

рӯзнома риоя шудааст. Ин дар ҳолест, ки гузашти замон ва рушди матни публитсистӣ талабот ба жанри хабарро афзун намуда, саволҳои онро зиёд кардааст. Аз ҷумла, чӣ воқеа рӯй дод? Кай рӯй дод? Дар куҷо рӯй дод? Аз ҷониби кӣ ташкил шуд? Ҳадаф аз ташкил чӣ буд? Чӣ натиҷа дод? саволҳое мебошанд, ки барои пуррагардонии талаботи хабарнависӣ маъмул шудаанд.

Дар шумораи баъдии рӯзномаи «Бухорои шариф» хабарҳо дар шаклҳои нисбатан пурра нашр шудаанд, вале онҳоро низ наметавон ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзаи жанри хабар донист. Масалан: «Пекин – Хабар медиҳанд, ки дар маҳалҳои шимолии Чин ҳаяҷони зиёд аст. Инқилобиён (Шонсӣ) чанд шаҳрро ғорат намуда ва сӯзондаанд. Ҳукумат қудрати дафоъ надорад. Аз иғтишоши маҳол чажилӣ ҳам метарсанд»[15].

Тавре маълум аст, хабар, ҳамчун жанри ахборӣ, ки вазифаи асосии он расонидани иттилооти дақиқу сареъ ва кӯтоҳу муъҷаз мебошад, дар нашрияи «Бухорои шариф» ба таври фаровон ва ҳадафмандона истифода шудааст. Гузашта аз ин, дар хабарҳои рӯзнома ҷанбаҳои тасаввуротӣ ва маълумотӣ оид ба рушди кишварҳо, равандҳои сиёсӣ, таърихӣ ва воқеаҳои таҳрикдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ бештар ба назар гирифта шудааст, ки то андозае ба хостаҳои муассисон мувофиқ ва муносиб мебошад.

Таҳқиқот муайян намуд, ки маводи иттилоотии рӯзнома дар ибтидо амалан тарҷумаи маводи расонаҳои иттилоотии хориҷӣ будааст. Бо мурури вақт, дар пайравӣ ба услуби хабарҳои тарҷумашуда муаллифони худӣ низ ба навиштани хабар майл намудаанд ва ба ин васила ташаккули жанрҳои ахборӣ ҷараён гирифтааст.

Ҳамин тариқ, «Бухорои шариф», ҳамчун сароғози матбуоти миллӣ тавонистааст, вобаста ба вақту замон маводеро ба нашр расонад, ки дар қолаби жанрҳои публитсистӣ бошад ва махсусан, маводи иттилоотии он дар қолабҳои хабар ва репортаж пурра ба талаботи жанрӣ мувофиқ аст. Ҳарчанд ин гуна матнҳо орӣ аз нуқси жанрӣ низ нестанд, вале онҳо дар рӯзнома мақсаднок ва барҷой истифода шуда, аз як тараф, аносири жанриашонро ба шакл даровардаанд ва аз ҷониби дигар, вазифаи публитсистии худро иҷро намудаанд.

Дар фасли дуюми ин боб – «**Раванди шаклгирии жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома**» масъалаи зуҳур ва ташаккули баъзе жанрҳои таҳлилии публитсистика ба баҳс кашида шудааст.

Жанрҳои таҳлилии матбуот, ки як навъ василаи таҳлилу ташхиси падидаҳои замон ва интиқоли афкору аҳдоф мебошанд, дар асоси ғояи муайян иншо гардида, бо истифода аз имконоти онҳо ҷараён ва рӯйдодҳои замон баррасӣ ва аз дидгоҳи муайян таблиғ карда мешаванд. Нашрияи «Бухорои шариф» чун дастгоҳи таблиғоти гурӯҳҳои таҷаддудхоҳ ва минбари тараққипарварони тоҷик интишори афкори навинро рисолати аслии худ дониста, дар манзури хонанда гардонидани онҳо ба қадри тавон аз имкониятҳои жанрҳои таҳлилӣ истифода намудааст. Ҳарчанд, рӯзнома таҷрибаи зиёд надошт, аммо дар он аломат ва хусусиятҳои жанрҳои публитсистика, бавижа жанрҳои таҳлилӣ бараъло ба мушоҳида мерасанд. Омӯзиши мундариҷаи рӯзнома аз нигоҳи хусусияти жанрӣ

[15] Бухорои шариф. – №2. – 13 март – 1912.

нишон дод, ки дастандаркорони ҷарида ва аҳли назар, дар баёни матлаб асосан, аз имконоти жанрҳои мухбирнома, мақола ва мактуб кор гирифтаанд.

Ҳамчуноне ки жанри мухбирнома аз соҳаи муайян, аз мушкилу муваффақиятҳо ва дигар масъалаҳои муҳимми замон бо банду басти силсилафактҳо таҳия ва ба хонанда пешкаш мешавад, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» матни мушобеҳ ба ин жанр зиёд ба назар мерасад. Аз назарияи публитсистика маълум аст, мухбир ҳолати воқеа ё масъаларо бо назардошти моҳияти мавзӯъ, аҳамияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии он пайгирӣ менамояд. Мухбирнома дар матбуоти даврии шӯравӣ ба пуррагӣ ташаккул ва такомул ёфтааст. Дар рӯзномаву маҷаллаҳо рубрикаҳои «Мухбирони коргару деҳқон» ва «Мухбири ғайриштатӣ» ташкил шуда, аз колхозу совхоз ва шаҳраку навоҳӣ мавод ба нашр мерасид. Мухбирнома барои ифшои камбудиҳои музофот ва мушкилоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамчун жанри «имкониятҳояш беҳудуд» истифода мешуд. Аммо дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф», ҳарчанд фарогирии мавзӯъ, проблеманокӣ ва силсилафактҳо дар як мавод зиёд аст, вале ташаккули жанрии он камол наёфтааст.

Жанри дигари таҳлилии мустаъмал дар «Бухорои шариф» мақола мебошад, ки аз асоситарин жанри таҳлилии матбуоти даврӣ маҳсуб мегардад. Ин жанр дар матбуоти ҷаҳон ҳамчун қолаби таблиғи афкору ақида истифода мешавад. Он бар мабнои проблема ва дар такя бо андеша, ақида, фикр ва фарзия нигошта шуда, факту далел, рӯйдоду воқеот ва падидаҳои вақт бо диди ҳадафмандона таҳлил мешаванд. Мақола таҳлили масъалаҳо мебошад, ки дар ҷараёни зиндагиву фаъолияти одамон қарор дорад ва аз ҷониби нигоранда проблемаи рӯз ҳисобида мешаванд.

Дар матбуоти даврии тоҷик мақола бо нашри «Бухорои шариф» падид омадааст. Ҳарчанд «нишонаҳои мақолаи публитсистӣ дар осори тожурналистӣ дар шаклҳои гуногун» намоён мешавад, вале ба шакли комил падид омадани мақоларо муҳаққиқон аз ҷумла, А.Саъдуллоев, П.Гулмуродзода ва М. Муродов ба нашри «Бухорои шариф» алоқаманд донистаанд.

Дар инкишофи жанри мақола се омили асосии таъсиррасон: хусусияти таблиғӣ доштани мақола, ки ба ҳадафҳои рӯзнома мувофиқ буд; афкори пешқадами дастандаркорони нашрия; ғоя ва маслакҳои равшанфикрони давр боис гардидааст. Бахусус, ғояву омоли дастандаркорони рӯзнома дар сармақолаҳои «Ғояи омол» (№1), «Ифтитоҳ» (№2), «Чӣ бояд кард?» (№3), «Дигарон чӣ карданд?» (№4), «Такрор» (№17), «Пиллагирӣ» (№30), «Таҳайюр» (№35), «Таътил» (№107), «Мадраса» (№114), «Тавсия» (№115), «Башорат» (№116), «Матбаа» (№143), «Мусолиҳа» (№145), «Умедворӣ» (№150) ва монанди ин инъикос шудааст. Сармақолаҳои нашрия бештар ба қалами муҳаррир Мирзоҷалол Юсуфзода тааллуқ доранд. Дар онҳо проблемаҳои асосии замон рушди мактабу маориф, илму фарҳанг, тиҷорату савдо, тартибу низом, имону покӣ, ҳақиқату ростӣ инъикосу баррасӣ шудаанд. Ин ва дигар хусусиятҳои мақола дар диссертатсия дар заминаи матолиби «Бухорои шариф» ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ карда шудааст.

Яке аз жанрҳои дигари таҳлилии публитсистика, ки дар «Бухорои шариф» истифода шудааст, мактуб ё ба истилоҳи дигар нома мебошад. Аз шумораҳои

аввали рӯзнома нашри мактубҳо дар ҷарида ба ҳукми анъана даромада, баъзан дар як шумора ду ё се мактуби хонандагон аз дохили аморат ва берун аз он ба нашр расидааст.

Дар «Бухорои шариф», мактубҳо ҳамчун қолаби ибрози андеша, ифшои муаммоҳои давр, василаи ҳамраъйӣ ва ё мубодилаи назар ва пешниҳоду тавсеаи афкор вобаста ба масъалаҳои муҳим истифода шудааст. Ҳамзамон мактубҳо василаи фароҳам омадани майдони баҳс гардида, имкон додаанд то хонандагон вобаста ба мавзӯъҳои мухталиф назари хешро баён намоянд. Баррасии масъалаҳои мубрам, воқеаву сюжети алоҳида ва андешаву назарҳои мухталиф дар мактубҳо нишондиҳандаи он аст, ки ағлаби ин масъалаҳо барои нигорандагон мушкилот ва дард будаанд, ки аз тариқи мактубҳо онро ба фаҳми омма равона кардаанд.

Аксари мактубҳои мунташира бо салом ва дуову дуруд бар муҳаррир ё масъулини рӯзнома оғоз гардида, баъдан масъалаи мавриди назари муаллиф матраҳ шудааст.

Омӯзишу таҳлили матнҳои ирсолӣ дар «Бухорои шариф» ва баррасии вижагиҳои жанрии онҳо нишон дод, ки аносири жанрии мактуб дар матбуоти даврии тоҷик, аз «Бухорои шариф» сарчашма гирифта, ташаккули баъзе аломатҳои жанрии он низ дар ин нашрия ба вуҷуд омадааст.

Ҳаминтавр, жанрҳои таҳлилӣ дар муқоиса ба дигар гурӯҳи жанрҳои публитсистика дар «Бухорои шариф» мавқеи хос доранд. Дар ин нашрия на танҳо ин жанрҳо фаровон ва моҳирона истифода шудаанд, балки қолабҳои маъмул ва муассири баёни фикр, баррасии масъала, пешниҳоду хулосаҳо ташаккул ёфта, ба инкишофи ин гурӯҳи жанрҳо дар матбуоти минбаъда замина гузоштааст.

